**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ҚАРОР**
**Правительство Республики Таджикистан**
**ПОСТАНОВЛЕНИЕ**

аз 28 феврали соли 2014 № 132

ш. Душанбе

Дар бораи Агентии хоҷагии ҷангали
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мутобиқи моддаи 12 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ҷиҳати иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 ноябри соли 2013, №12 «Дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Низомнома, Сохтори дастгоҳи марказӣ ва Номгӯи ташкилотҳои системаи Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1, 2 ва 3).

2. Шумораи пиҳоии кормандони дастгоҳи марказии Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миқдори 40 воҳид (бе ҳайати хизматрасон) муқаррар карда шавад.

3. Ба Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад, ки ду муовини Директор ва ҳайати мушовара иборат аз 5 нафар дошта бошад.

4. Ба Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лимити автомашинаҳои сабукрави хизматӣ ба миқдори 3 адад муқаррар карда шавад.

5. Маблағгузории Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ва дигар маблағҳо мувофиқи тартиби бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқагардида анҷом дода шавад.

6. Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои соҳавии меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таклифҳо пешниҳод намояд;

- санадхои меъёрии хукукии худро ба карори мазкур мувофик намояд.

7. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2008, № 371 «Дар бораи Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангал ва шикор» аз эътибор соқит дониста шавад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон — Эмомалӣ Раҳмон

Замимаи 1
бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 28 феврали соли 2014,
№132тасдиқ шудааст

# НИЗОМНОМАИ
## Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

### 1. Муқаррароти умумӣ

1. Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Агентӣ) мақоми марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, вазифаи таҳия ва амалӣ намудани сиёсати ягонаи давлатӣ, танзими меъёрии ҳуқуқӣ ва идоракунии давлатиро дар соҳаи ҷангал ва хоҷагиҳои ҷангал, захираҳои ҷангал, шикор ва хоҷагиҳои шикорӣ, олами набототу ҳайвоноти ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, инчунин вазифаҳои хоҷагидориро дар ташкилотҳои системаи худ амалӣ намуда, назорати давлатиро, таъмин менамояд.

2. Ба ҳайати Агентӣ дохил мешаванд:

- Муассисаи давлатии Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии хоҷагии ҷангал, ки фаъолиятро дар самти дастгирии илмии соҳа мебарад;
- Бозрасии давлатии ҷангал ва шикор, ки назорати давлатиро оид ба захираҳои ҷангал ва шикор амалӣ менамояд;
- Муассисаҳои давлатии хоҷагиҳои ҷангал, ки фаъолияти хоҷагидориро дар ҳудуди заминҳои фонди давлатии ҷангал мебаранд;
- Муассисаи давлатии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, ки заминҳои ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаро дар ихтиёр дорад.

3. Агентӣ фаъолияти худро дар асоси Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо, қарорҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармону амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳо ва фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътироф намудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи мазкур амалӣ менамояд.

4. Агентӣ фаъолияти худро мустақилона ва дар ҳамкорӣ бо дигар мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, вазорату идораҳои давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар ташкилотҳо, инчунин шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ амалӣ менамояд.

## 2. Ваколатҳо

5. Агентӣ дар соҳаи фаъолияти муқаррargардида ваколатҳои зеринро анҷом медиҳад:

а) дар соҳаи таҳия ва татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ

- таҳия ва татбиқи барномаҳои соҳавии миллӣ, стратегия ва консепсияҳо дар соҳаи муқаррargардида, пешниҳоди онҳо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъмини назорати иҷрои онҳо;

- иштирок дар таҳияи стратегияҳо, консепсияҳо ва барномаҳои умумидавлатӣ;

- таҳияи лоиҳаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи муқаррaршуда, инчунин дастурамалҳои методӣ барои амалӣ намудани фаъолият;

- ҳамоҳангсозии фаъолият ва таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи конвенсияҳо, созишномаҳо дар соҳаи муқаррaршуда;

- пешниҳоди таклифҳо ба ташкилотҳои байналмилалӣ ва мамлакатҳои хориҷӣ оид ба бастани қарордодҳо, шартномаҳо ва созишномаҳое, ки ба нигоҳдории экосистемаи ҷангал ва ҳалли проблемаҳои хоҷагии ҷангал ва шикор, ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда равона карда шудаанд;

- баланд бардоштани самаранокии хоҷагии ҷангал ва шикор бо истифода аз усулҳои пешқадам ва дастовардҳои илм;

- таъмини ҳифз, барқароркунӣ, истифодаи бисёрҷабҳа ва устувори захираҳои ҷангал ва шикор ба воситаи ба роҳ мондани назорат, батанзимдарорӣ ва мусоидатнамоӣ;

- таъмини рушди устувори хоҷагии ҷангал ва шикор бо ҷалби бахши хусусӣ ва ҷамъиятӣ.

б) дар соҳаи таъмини заминаи меъёрию ҳуқуқӣ:

- тибқи тартиби муқаррargардида таҳия ва пешниҳоди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои тасдиқ;

- тасдиқи низомнома ва оинномаҳои раёсатҳо, шӯъбаҳо ва ташкилотҳои системаи Агентӣ;

в) дар соҳаи батанзимдарорӣ:

- тасдиқи нақшаҳои ҷангалсозӣ ва бунёди шикоргоҳҳо;

- тасдиқи нақшаҳои солонаи идоракунии муассисаҳои давлатии хоҷагиҳои ҷангал ва хоҷагиҳои шикорӣ, Муассисаи давлатии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, Муассисаи давлатии Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии хоҷагии ҷангал;

- тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва тасдиқ намудани меъёр ва квотаи истифодабарии захираҳои ҷангал ва шикор аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, инчунин

шаҳрвандони хориҷӣ, ба ғайр аз намудҳои ба Китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида;

- таъмини нигоҳдорӣ, ҳифз, барқароркунӣ ва истифодаи устувори олами набототу ҳайвоноти ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда ба воситаи ба роҳ мондани назорат, батанзимдарорӣ ва мусоидатнамоӣ;

- ташкил ва таъмини рушди устувори туризми экологии дохилӣ ва хориҷӣ дар ҷангалҳои истироҳатӣ, мамнӯъгоҳҳо, парваришгоҳҳо, боғҳои табиию таърихӣ ва боғи миллӣ;

- ҳамоҳангсозии фаъолият ва идоракунии ташкилотҳои системаи Агентӣ;

- таъмини истифодаи устувори фонди давлатии шикори ба хоҷагиҳои шикорӣ вобастагардида бо роҳи гузаронидани назорат, батанзимдарорӣ ва мусоидатнамоӣ;

- таъмини ҳифз, барқароркунӣ ва истифодаи устувори фонди давлатии шикори ба хоҷагиҳои шикорӣ вобастанашуда бо роҳи гузаронидани назорат, батанзимдарорӣ ва мусоидатнамоӣ;

- ба шахсони воқеӣ додани шаҳодатномаи давлатии шикорчигӣ;

- бо тартиби муқарраргардида пушида гаштани либоси соҳавӣ бо аломатҳои фарқкунанда, нигоҳ доштан ва гирифта гаштани силоҳи хизматӣ аз тарафи шахсони мансабдор ва нозирони давлатии ҳифзи ҷангалу шикор;

- тартиб додани санаду протоколҳо бо муайян намудани зарар ва ҷарима нисбати қонунвайронкунандагони ҷангал ва шикор;

- амалӣ намудани назорати фаъолияти истифодабарандагони ҷангал, хоҷагиҳои шикорӣ ва ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда;

- бастани шартнома бо истифодабарандагони шикоргоҳҳо оид ба ҳуқуқи пешбурди фаъолияти хоҷагии шикорӣ;

- додани иҷозатномаҳо барои амалигардонии фаъолияти марбут ба захираҳои ҷангал, шикор ва ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, аз он ҷумла намудҳои олами набототу ҳайвоноти ба Китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида;

- гузаронидани аттестатсияи кормандони ташкилотҳои системаи Агентӣ;

- гузаронидани санҷишҳои назорати фаъолияти молиявӣ ва муҳосибавии муассисаҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳои системаи Агентӣ;

- назорати истифодаи мақсадноки маблағҳои пулӣ аз ҷониби муассисаю ташкилотҳои системаи Агентӣ;

- ҷалби сармояҳо, грантҳо ва дигар кумакҳо барои амалигардонии стратегияҳо ва барномаҳои миллӣ ва минтақавӣ;

- бо тартиби муқарраргардида ташкил ва идоракунии фондҳо ва маблағҳои махсус;

- ҳамкорӣ бо вазоратҳо, идораҳои давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ;

- иштирок ва амалӣ намудани ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи хоҷагии ҷангал ва шикор, ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, иҷрои ӯҳдадориҳо оид ба созишномаҳои баимзорасида;

- бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур намудани пешниҳод оид ба таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаҳо ва ташкилотҳои системаи Агентӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- қабули ҳисобот аз хоҷагиҳои ҷангал ва шикор, Муассисаи давлатии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда ва Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии хоҷагии ҷангал;

- тибқи тартиби муқарраргардида омода намудани пешниҳод ба мақоми ваколатдори давлатии идораи амволи давлатӣ дар барои аз эътибор соқит кардани воситаҳои асосии муассисаҳо ва корхонаю ташкилотҳои системаи Агентӣ;

- расонидани кӯмаки методӣ, техникӣ ва молиявӣ оид ба масъалаҳои ҳифзу нигоҳдорӣ, барқароркунӣ, истифодабарии бисёрҷабҳа ва устувори захираҳои ҷангал ва шикор, ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда;

- мусоидат ба таҳияи нақшаҳои идоракунии хоҷагии ҷангал ва шикор, ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда;

- мусоидат ба таҳияи усулҳои нав, технологияи ҳозиразамон ва механизмҳо дар гузаронидани корҳои илмию тадқиқотӣ;

- дар якҷоягӣ бо муассисаҳои илмӣ ва дигар ташкилотҳо, аз он ҷумла ҷамъиятӣ ва байналмилалӣ, гузаронидани омӯзишҳо ва баланд бардоштани савияи дониши кормандони дастгоҳи марказӣ ва ташкилотҳои системаи Агентӣ;

- ташкили корҳо оид ба ҷангалсозӣ ва шикоргоҳсозӣ,

- ташкили гузаронидани мониторинги ҳолати захираҳои ҷангал ва шикор, кадастри фонди давлатии ҷангал дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва олами набототу ҳайвоноти ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда;

- ташкил ва гузаронидани корҳои бунёди байнихоҷагии шикоргоҳҳо;

г) дар соҳаи иттилоотонӣ:

- ҷамъ ва пешниҳод намудани маълумот дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ;

- ташкили корҳои фаҳмондадиҳӣ, гузаронидани озмунҳо, намоишҳо, конференсияҳо, семинарҳо ва ярмаркаҳо оид ба истифодабарии самараноку устувори захираҳои ҷангал ва шикор, пешбурди хоҷагии ҷангал ва шикор, ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда;

- пешниҳоди маълумот ба мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, субъектҳои хоҷагидор, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва аҳолӣ оид ба вазъи истифодабарии захираҳои ҷангал ва шикор;

- амалӣ намудани фаъолияти нашриявӣ ва иттилоотӣ дар соҳаи ҷангал, шикор ва ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда;

- тайёр намудани хисоботхои оморӣ ва дигар хисоботхо, пешниходи онҳо ба мақомоти дахлдор.

д) дар сохаи тухмипарварии растаниҳои ҷангал:

- муайян намудани тартиби амали системаи тухмипарварӣ, истехсол ва коркарди тухмӣ, ташкил ва истифодаи фонди суғуртавии тухмӣ, сертификатсияи тухмӣ, додани сертификатҳои тасдиққунандаи навъ ва сифати тухмӣ;

- пешниҳоди таклифҳо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба минтақа ва хоҷагиҳои махсуси тухмипарварӣ;

- таъсис додани Фонди давлатии тухмии растаниҳои ҷангал;

- назорати навъ ва сифати тухмиҳо;

- амалӣ намудани ваколатҳои дигари муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

6. Ба зиммаи Бозрасии давлатии ҷангал ва шикори ташкилотҳои системаи Агентӣ вазифаҳои назорати давлатии риояи қонунгузорӣ нисбат ба захираҳои ҷангал ва шикор, додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ барои истифодаи захираҳои ҷангал ва шикор гузошта мешавад.

7. Ба зиммаи муассисаҳои давлатии хоҷагиҳои ҷангал ва ниҳолпарварии системаи Агентӣ вазифаҳои пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ дар заминҳои фонди давлатии ҷангали ба онҳо вобастагардида тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта мешавад.

8. Ба зиммаи Муассисаи давлатии Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии хоҷагии ҷангал вазифаҳои гузаронидани таҳқиқотҳои илмӣ, омӯзиши бунёд ва барқароркунии ҷангал, генетика, селексия, нигоҳдории гуногунии биологӣ, мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, истифодаи устувори захираҳои ҷангал ва шикор, олами набототу ҳайвонот вогузор мегардад.

9. Ба зиммаи Муассисаи давлатии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда вазифаи нигоҳдорӣ, барқароркунӣ ва истифодаи устувори олами набототу ҳайвоноти ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда гузошта мешавад.

## 3. Ташкили фаъолият

10. Ба Агентӣ Директор роҳбарӣ менамояд, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад. Директори Агентӣ муовинон дорад, ки бо пешниҳоди ӯ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд. Шумораи муовинони Директори Агентӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

11. Директор ба фаъолияти Агентӣ роҳбарӣ менамояд ва ҷиҳати иҷрои вазифаҳои ба зиммаи Агентӣ гузошташуда масъулияти шахсӣ дорад.

12. Директори Агентӣ:

- бо тартиби муқарраргардида кормандони дастгоҳи марказии Агентӣ ва кормандони роҳбарикунандаи ташкилотҳои системаи Агентиро ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд;

- байни муовинони худ вазифаҳоро тасдиқ менамояд;

- дар доираи ваколатҳои худ манфиатҳои сиёсӣ ва экологии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳифз менамояд;

- бо тартиби муқарраргардида ва дар доираи ваколатҳои худ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро оид ба масъалаҳои мансуб ба ваколатҳои Агентӣ, пешниҳод менамояд;

- сохтор ва басти вазифаҳои дастгоҳи марказии Агентиро тибқи талаботи намунавӣ дар доираи фонди музди меҳнат ва шумораи кормандон, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, инчунин басти вазифаҳои ташкилотҳои система ва харҷномаро барои нигоҳдории дастгоҳи марказӣ ва ташкилотҳои системаи Агентӣ дар доираи ҳаҷми муқарраргардидаи маблаггузории буҷети ҷумҳуриявӣ тасдиқ менамояд.

- низомномаҳои раёсатҳо ва шӯъбаҳои дастгоҳи марказӣ, инчунин низомнома ва оинномаҳои ташкилоту муассисаҳои системаи Агентиро тасдиқ менамояд;

- Шӯрои илмию техникӣ, комиссияҳои муваққатӣ ва доимоамалкунанда таъсис дода, ҳайат ва низомномаҳои онҳоро тасдиқ менамояд;

- ҷаласаҳои назоратӣ гузаронда, рӯзномаи онҳоро муайян менамояд;

- бо тартиби муқаррargардида номзадии кормандони Агентиро барои сарфароз намудан ба унвонҳои фахрӣ ва мукофотҳои давлатӣ пешниҳод менамояд, ҳавасмандкунии моддӣ ва маънавии онҳоро ба роҳ мегузорад;

- мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати кормандон чораҳои таъсиррасонии интизомиро амалӣ мегардонад.

13. Дар Агентӣ ҳайати мушовара дар аъзогии Директори Агентӣ (Раис) ва муовинони он (аз рӯи мансаб), инчунин дигар кормандони роҳбарикунандаи дастгоҳи марказӣ ва ташкилотҳои системаи Агентӣ ташкил карда мешавад.

14. Шумора ва аъзои ҳайати мушовараро бо пешниҳоди Директори Агентӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

15. Ҳайати мушовара дар ҷаласаҳои худ масъалаҳои муҳими фаъолияти Агентиро баррасӣ менамояд. Қарорҳои ҳайати мушовара бо бартарии овозҳои аъзои ҳайати мушовара қабул шуда, бо протокол ба расмият даровarda мешавад, бо қарор ва ё фармони Директор амалӣ

мегардад. Дар ҳолати ба вуҷуд омадани ихтилоф байни Директор ва ҳайати мушовара, қарорро Директор қабул намуда, оид ба ихтилофот ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маъруза пешниҳод менамояд. Аъзои ҳайати мушовара ҳамчунин метавонанд ақидаи худро оид ба ин масъала ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баён намоянд.

16. Агентӣ барои ҳалли мушкилоти мавҷуда метавонад Шӯрои машваратӣ бо ҷалби аҳли ҷомеа ташкил диҳад.

17. Агентӣ дар доираи салоҳияти худ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фармоишҳо (дар ҳолати зарурӣ дар якҷоягӣ бо дигар мақомот) мебарорад, дастурҳо медиҳад ва назорати иҷрои онҳоро ташкил менамояд.

18. Иҷрои амру фармоишҳо, қарорҳо ва дастурҳои Агентии хоҷагии ҷангал барои ҳамаи ташкилоту корхонаҳо, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар соҳаи муқарраршуда ҳатмӣ мебошад.

19. Маблағгузории дастгоҳи марказии Агентӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ва дигар маблағҳо мувофиқи тартиби бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқагардида анҷом дода мешавад.

20. Агентӣ шахси ҳуқуқӣ буда, дорои муҳр бо тасвири Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва номи худ, рамз, бланкҳо ва штампҳои дахлдор мебошад ва аз суратҳисоби ягонаи Сарраёсати Хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ карда мешавад.

21. Агентӣ мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ва барҳам дода мешавад.

22. Маҳалли ҷойгиршавии Агентӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Бустон-3.

Замимаи 2
Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 28 феврали соли 2014,
№ 132 тасдиқ шудааст

Сохтори
дастгоҳи марказии Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Роҳбарият
Раёсати хоҷагии ҷангал
Шуъбаи шикор
Шуъбаи иқтисод ва банақшагирӣ
Шуъбаи муҳосибот
Шуъбаи кадрҳо ва ҳуқуқ
Бахши ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда ва паркҳои миллӣ
Бахши робитаҳои байналмилалӣ ва иттилоот

Замимаи 3
Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 28 феврали соли 2014,
№ 132 тасдиқ шудааст

Номгӯи
ташкилотҳои системаи Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бозрасии давлатии ҷангал ва шикор
Муассисаи давлатии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда
Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии хоҷагии ҷангал»
Муассисаҳои давлатии хоҷагиҳои ҷангал:
Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали вилояти Суғд
Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали ноҳияи Айнӣ
Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали ба номи А.Мӯсоеви ноҳияи Ғончӣ
Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали ноҳияи Ашт
Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали ба номи Н.Ҳувайдуллоеви ноҳияи Ашт
Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали ноҳияи Шаҳристон
Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали шаҳри Панҷакент
Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали шаҳри Истаравшан
Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ
Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали вилояти Хатлон
Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали ноҳияи Панҷ
Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали ноҳияи Шаҳритус
Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали ба номи А.Холови ноҳияи Хуросон
Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали ба номи Э.Маматалиеви ноҳияи Қубодиён
Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали ноҳияи Носири Хусрав
Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали минтақаи Кӯлоб
Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали ноҳияи Фархор
Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали ноҳияи Данғара
Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали ноҳияи Мӯъминобод
Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали ноҳияи Шӯрообод
Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали Дашти Ҷуми ноҳияи Шӯрообод
Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали ноҳияи Балҷувон
Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали «Сари Хосор»-и ноҳияи Балҷувон
Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ
Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали ба номи С.Карими ноҳияи Ховалинг
Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон
Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали ноҳияи Ванҷ

Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали ноҳияи Нуробод
Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали «Ромит»-и шаҳри Ваҳдат
Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали шаҳри Ваҳдат
Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали ноҳияи Файзобод
Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали ба номи М.Худойназарови ноҳияи Варзоб
Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали ноҳияи Ҳисор
Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали ноҳияи Шаҳринав
Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали ба номи Л.Каримови шаҳри Роғун
Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали ноҳияи Рашт
Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали ноҳияи Тавилдара
Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали ноҳияи Ҷиргатол
Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали «Қаратоғ»-и шаҳри Турсунзода
Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали ноҳияи Тоҷикобод
Муассисаи давлатии парваришгоҳи «Баҳри Норак»

Хоҷагиҳои тиҷоратӣ
Корхонаи воҳиди давлатии хоҷагии ниҳолпарварии ноҳияи Рашт
Корхонаи воҳиди давлатии хоҷагии ниҳолпарварии шаҳри Ваҳдат
Корхонаи воҳиди давлатии хоҷагии ниҳолпарварии ноҳияи Восеъ
Корхонаи воҳиди давлатии хоҷагии ниҳолпарварии ноҳияи Қубодиён
Корхонаи воҳиди давлатии хоҷагии ниҳолпарварии ноҳияи Зафаробод

**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ҚАРОР**
**Правительство Республики Таджикистан**
**ПОСТАНОВЛЕНИЕ**

от 28 февраля 2014 года № 132

ш. Душанбе

Об Агентстве лесного хозяйства
при Правительстве Республики Таджикистан

В соответствии со статьей 12 Конституционного закона Республики Таджикистан «О Правительстве Республики Таджикистан» и во исполнение Указа Президента Республики Таджикистан от 19 ноября 2013 года, №12 «О совершенствовании структуры исполнительных органов государственной власти Республики Таджикистан», Правительство Республики Таджикистан постановляет:

1. Утвердить Положение, Структуру центрального аппарата Перечень организаций системы Агентства лесного хозяйства при Правительстве Республики Таджикистан (приложения 1, 2 и 3).

2. Утвердить предельную численность работников центрального аппарата Агентства лесного хозяйства при Правительстве Республики Таджикистан в количестве 40 единиц (без обслуживающего персонала).

3. Разрешить Агентству лесного хозяйства при Правительстве Республики Таджикистан иметь двух заместителей Директора и коллегию в составе 5 человек.

4. Установить для Агентства лесного хозяйства при Правительстве Республики Таджикистан лимит служебных легковых автомашин в количестве 3-х единиц.

5. Финансирование Агентства лесного хозяйства при Правительстве Республики Таджикистан осуществить за счет средств республиканского бюджета и других средств в порядке,согласованном с Министерством финансов Республики Таджикистан.

6. Агентству лесного хозяйства при Правительстве Республики Таджикистан:

- представить Правительству Республики Таджикистан предложения о внесении дополнений и изменений в отраслевые нормативные правовые акты Республики Таджикистан;

- привести свои нормативные правовые акты в соответствие с

настоящим постановлением.

7. Признать утратившим силу постановление Правительства Республики Таджикистан от 1 августа 2008 года, №371 «О Государственном учреждении лесного хозяйства и охоты».

Председатель
Правительства Республики
Таджикистан

ДАСТГОҲИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * ШӮЪБАИ УМУМӢ

Эмомали Рахмон

Приложение 1

Утверждено постановлением Правительства Республики Таджикистан
от 28 февраля 2014 года,
№ 132

# ПОЛОЖЕНИЕ
## об Агентстве лесного хозяйства при Правительстве Республики Таджикистан

### 1. Общие положения

1. Агентство лесного хозяйства при Правительстве Республики Таджикистан (далее - Агентство) является центральным органом исполнительной власти Республики Таджикистан, осуществляющим функции по выработке и реализации единой государственной политики, нормативное, правовое регулирование и государственное управление в сфере леса, лесного хозяйства, лесных ресурсов, охоты и охотничьего хозяйства, растительного и животного мира, особо охраняемых природных территорий, а также осуществляет хозяйствующие функции организации системы и обеспечивает государственный контроль.

2. В состав Агентства входят:

- Государственная лесная и охотничья инспекция, осуществляющая государственный контроль за лесными и охотничьими ресурсами;
- Государственное учреждение Научно-исследовательский институт лесного хозяйства, проводящее научно-исследовательскую поддержку;
- государственные учреждения лесного хозяйства, ведущие лесохозяйственную деятельность на территории Государственного лесного фонда;
- Государственное учреждение особо охраняемых природных территорий, в ведение которого находятся земли особо охраняемых территорий.

3. Агентство в своей деятельности руководствуется Конституцией Республики Таджикистан, конституционными законами, законами, постановлениями Маджлиси Оли Республики Таджикистан, нормативными правовыми актами Правительства Республики Таджикистан, международными правовыми актами, признанными Республикой Таджикистан и настоящим Положением.

4. Агентство осуществляет свою деятельность самостоятельно и во взаимодействии с другими центральными органами исполнительной власти, министерствами, государственными ведомствами, местными исполнительными органами государственной власти и другими организациями, а также физическими и юридическими лицами.

## 2. Полномочия

5. Агентство осуществляет следующие полномочия в установленной сфере деятельности:

а) в области выработки и осуществлении единой государственной политики:

- выработка и реализация отраслевых национальных программ, стратегий и концепций в установленной сфере, представление их Правительству Республики Таджикистан и обеспечение надзора над их выполнением;

- участие в разработке стратегий, концепций и общегосударственных программ;

- разработка проектов законов и других нормативных правовых актов в установленной сфере, а также методических указаний по осуществлению деятельности;

- координация деятельности и обеспечение выполнения обязательств Правительства Республики Таджикистан в рамках конвенций, соглашений в установленной сфере;

- внесение предложений международным организациям и зарубежным странам по заключению контрактов, договоров и соглашений, направленных на сохранение лесных экосистем и решение проблем лесного и охотничьего хозяйства, особо охраняемых природных территорий;

- повышение эффективности лесного и охотничьего хозяйства с использованием современных методов и достижений науки;

- обеспечение охраны, восстановления, многофункционального и устойчивого использования лесных и охотничьих ресурсов путём осуществления контроля, регулирования и оказания содействия;

- обеспечение устойчивого развития лесного и охотничьего развития с привлечением частного и общественного секторов;

б) в области обеспечения нормативно-правовой базы:

- разработка и представление в установленном порядке на утверждение нормативных правовых актов;

- разработка и утверждение правил, положений, норм и методических указаний;

- утверждение положений и уставов управлений, отделов и организаций системы Агентства;

в) в области регулирования:

- утверждение планов лесоустройства и охотустройтсва;

- утверждение годовых планов управления государственными учреждениями лесного и охотничьего хозяйства, Государственным учреждением особо охраняемых природных территорий, Государственным учреждением института лесного хозяйства;

- определение и утверждение в установленном порядке норм и квот использования лесных и охотничьих ресурсов хозяйствующими субъектами, юридическими и физическими лицами, а также

территорий;

- информирование исполнительных органов государственной власти, хозяйствующих субъектов, общественных организаций и населения о состоянии и использовании лесных и охотничьих ресурсов;

- осуществление издательской и информационной деятельности в сфере лесного и охотничьего хозяйства, особо охраняемых природных территорий;

- подготовка статистических и других отчетов, представление их в соответствующие органы;

д) в области семеноводства лесных растений:

- определение порядка функционирования системы семеноводства, производства и переработки семян, организации и использования страхового фонда семян, сертификация семян, выдача сертификатов, подтверждающих сорт и качество семян;

- представление предложений в Правительство Республики Таджикистан о семеноводческих регионах и специализированных хозяйствах;

- создание Государственного фонда семян лесных растений;

- контроль за сортами и качеством семян;

- осуществление иных полномочий, установленных законодательством Республики Таджикистан.

6. На Государственную лесную и охотничью инспекцию организаций системы Агентства возлагается государственный контроль над соблюдением законодательства в отношении лесных и охотничьих ресурсов, выдача разрешительных документов на использование охотничьих и лесных ресурсов.

7. На государственные лесные хозяйства и питомники системы Агентства возлагается ведение лесохозяйственной деятельности на закрепленных за ними территориях государственного лесного фонда в соответствие с законодательством Республики Таджикистан.

8. На Государственное учреждение Научно-исследовательский институт лесного хозяйства возлагается проведение научных исследований, изучение разведения и восстановления леса, генетики, селекции, сохранения биологического разнообразия, адаптации к изменению климата, устойчивого использования лесных и охотничьих ресурсов, растительного и животного мира.

9. На Государственное учреждение особо охраняемых природных территорий возлагается сохранение, восстановление и устойчивое использование растительного и животного мира особо охраняемых природных территорий.

## 3. Организация деятельности

10. Агентство возглавляет Директор, назначаемый на должность и освобождаемый от должности Правительством Республики Таджикистан. Директор Агентства имеет заместителей, которые по его представлению назначаются на должность и освобождаются от

должности Правительством Республики Таджикистан. Количество заместителей Директора Агентства определяется Правительством Республики Таджикистан.

11. Директор руководит деятельностью Агентства и несет персональную ответственность за выполнение обязательств, возложенных на Агентство.

12. Директор Агентства:

- в установленном порядке назначает на должность и освобождает от должности сотрудников центрального аппарата Агентства и руководящих работников организаций системы Агентства;

- распределяет должностные обязанности заместителей;

- в рамках своих полномочий защищает политические и экологические интересы Республики Таджикистан;

- в установленном порядке и в рамках своих полномочий представляет в Правительство Республики Таджикистан проекты нормативных правовых актов по вопросам, входящим в полномочия Агентства;

- утверждает структуру и штатное расписание центрального аппарата Агентства в соответствии с типовыми требованиями в пределах фонда заработной платы и численности работников, установленных Правительством Республики Таджикистан, а также штатное расписание организаций системы и сметы расходов на содержание центрального аппарата и организаций системы Агентства в пределах установленного объема финансирования республиканского бюджета;

- утверждает положения об управлениях и отделах центрального аппарата, а также положения и уставы организаций и учреждений системы Агентства;

- учреждает Научно - технический совет, временные и постоянно действующие комиссии, утверждает их состав и положения;

- проводит контрольные совещания и определяет их повестку;

- в установленном порядке представляет работников Агентства к присвоению почётных званий и награждению государственными наградами, претворяет в жизнь меры их материального и морального поощрения;

- в установленном законодательством порядке осуществляет меры дисциплинарного воздействия в отношении работников.

13. В Агентстве образуется коллегия в составе Директора Агентства (Председатель), его заместителей (по должности), а также других руководящих работников центрального аппарата и организаций системы Агентства.

14. Численность и члены коллегии по представлению Директора Агентства утверждаются Правительством Республики Таджикистан.

15. Коллегия на своих заседаниях рассматривает наиболее важные вопросы деятельности Агентства. Решения коллегии принимаются большинством голосов членов коллегии, оформляются и реализуются постановлениями или приказами Директора. В случае возникновения

иностранными гражданами, за исключением видов, занесенных в Красную книгу Республики Таджикистан;

- обеспечение сохранения, защиты, восстановления и устойчивого использования объектов животного и растительного мира на особо охраняемых природных территориях путем проведения контроля, регулирования и оказания содействия;

- организация и обеспечение устойчивого развития внутреннего и иностранного экологического туризма в рекреационных лесах, заповедниках, заказниках, историко-природных парках и в национальном парке;

- координация деятельности и управление организациями системы Агентства;

- обеспечение устойчивого использования государственного охотничьего фонда, закрепленного за охотничьими хозяйствами, путем проведения контроля, регулирования и оказания содействие;

- обеспечение сохранения, восстановления и устойчивого использования государственного охотничьего фонда, незакрепленного за охотничьими хозяйствами, путем проведения контроля, регулирования и оказание содействий;

- выдача физическим лицам государственного охотничьего удостоверения;

- ношение в установленном порядке форменного обмундирования со знаками отличия, ношение и хранение табельного оружия должностными лицами и государственными лесными и охотничьими инспекторами;

- составление актов и протоколов с определением ущерба и штрафа по отношению к нарушителям лесного и охотничьего законодательства;

- осуществление надзора за деятельностью лесовладельцев, охотничьих хозяйств и особо охраняемых природных территорий;

- заключение договоров с охотпользователями на право ведения охотхозяйственной деятельности;

- выдача лицензий на осуществление деятельности, связанной с лесными и охотничьими ресурсами и особо охраняемыми природными территориями в том числе видами растительного и животного мира, занесенными в Красную книгу Республики Таджикистан;

- проведение аттестации работников организаций системы Агентства;

- проведение контрольных проверок финансовой и бухгалтерской деятельности учреждений, предприятий и организаций системы Агентства.

- осуществление контроля за целевым использованием денежных средств государственными учреждениями и организациями системы Агентства;

- привлечение инвестиций, грантов и другой помощи для реализации национальных и региональных стратегий, программ;

- организация и управление в установленном порядке фондами и специальными средствами;

- взаимодействие с министерствами, государственными ведомствами, местными исполнительными органами государственной власти, а также с другими юридическими и физическими лицами;

- участие и осуществление международного сотрудничества в сфере лесного и охотничьего хозяйства, особо охраняемых природных территорий, выполнение обязательств по подписанным соглашениям;

- представление в установленном законодательством Республики Таджикистан порядке предложений Правительству Республики Таджикистан по организации, реорганизации и ликвидации учреждений и организаций системы Агентства;

- принятие отчетов от лесных и охотничьих хозяйств, Государственного учреждения особо охраняемых природных территорий и Научно-исследовательского института лесного хозяйства;

- подготовка в установленном порядке государственному уполномоченному органу по управлению государственным имуществом предложений на списание основных средств учреждений, предприятий и организаций системы Агентства;

- оказание методической, технической и финансовой помощи по вопросам сохранения, защиты, восстановления и многофункционального и устойчивого использования лесных и охотничьих ресурсов и особо охраняемых природных территорий;

- оказание содействия в разработке планов управления лесными и охотничьими хозяйствами, особо охраняемыми природными территориями;

- оказание содействия в разработке новых методов, современных технологий и механизмов в проведении научно-исследовательских работ;

- совместно с научными учреждениями и другими организациями, в том числе общественными и международными, обучение и повышение квалификации работников центрального аппарата и организаций системы Агентства;

- организация работ по лесоустройству и охотоустройству;

- организация проведения мониторинга состояния лесных и охотничьих ресурсов на территории Республики Таджикистан, объектов растительного и животного мира на особо охраняемых природных территориях;

- организация и проведение работ по межхозяйственному охотустройству;

г) в области информирования:

- сбор и предоставление информации на республиканском, региональном и международном уровнях;

- организация разъяснительных работ, проведение конкурсов, выставок, конференций, семинаров и ярмарок по эффективному и устойчивому использованию лесных и охотничьих ресурсов, ведению лесного и охотничьего хозяйства, особо охраняемых природных

разногласий между Директором и членами коллегии, решение принимается Директором с докладом о разногласии в Правительство Республики Таджикистан. Члены коллегии также могут выразить своё мнение по этому вопросу Правительству Республики Таджикистан.

16. Агентство для решения имеющихся проблем может образовать Консультативный совет с привлечением общественности.

17. Агентство в пределах своей компетенции в установленном порядке издаёт приказы, постановления и указания (при необходимости совместно с другими органами), даёт инструкции и организует контроль над их выполнением.

18. Выполнение приказов и указаний Агентства лесного хозяйства обязательно организациями и предприятиями, юридическими и физическими лицами в установленной сфере.

19. Финансирование центрального аппарата Агентства осуществляется за счет средств республиканского бюджета и других средств в порядке, согласованном с Министерством финансов Республики Таджикистан.

20. Агентство является юридическим лицом, имеет печать с изображением Государственного герба Республики Таджикистан и своим наименованием, эмблему, соответствующие бланки и штампы и финансируется из единого счета Главного управления Центрального казначейства Министерства финансов Республики Таджикистан.

21. Агентство создаётся и ликвидируется в установленном законодательством порядке.

22. Местонахождение Агентства: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Бустон - 3.

Приложение 2

Утверждена постановлением Правительства Республики Таджикистан
от 28 февраля 2014 года, № 132

# СТРУКТУРА
центрального аппарата Агентства лесного хозяйства при Правительстве Республики Таджикистан

Руководство
Управление лесного хозяйства
Отдел охоты
Отдел экономики и планирования
Отдел учета
Отдел кадров и права
Сектор особо охраняемых природных территорий и национальных парков
Сектор международных связей и информации

Приложение 3

Утвержден постановлением Правительства Республики Таджикистан
от 28 февраля 2014 года,
№ 132

## ПЕРЕЧЕНЬ
### организаций системы Агентства лесного хозяйства при Правительстве Республики Таджикистан

Государственная лесная и охотничья инспекция

Государственное учреждение особо охраняемых природных территорий

Государственное учреждение «Научно-исследовательский институт лесного хозяйства»

Государственные учреждения лесного хозяйства:

Государственное учреждение лесного хозяйства Согдийской области

Государственное учреждение лесного хозяйства Айнинского района

Государственное учреждение лесного хозяйства им. Мусоева Ганчинского района

Государственное учреждение лесного хозяйства Аштского района

Государственное учреждение лесного хозяйства им. Н.Хувайдуллоева Аштского района

Государственное учреждение лесного хозяйства Шахристанского района

Государственное учреждение лесного хозяйства города Пенджикент

Государственное учреждение лесного хозяйства города Истаравшан

Государственное учреждение лесного хозяйства Кухистони Мастчохского района

Государственное учреждение лесного хозяйства Хатлонской области

Государственное учреждение лесного хозяйства Пянджского района

Государственное учреждение лесного хозяйства Шаартузского района

Государственное учреждение лесного хозяйства им. А.Холова района Хуросон

Государственное учреждение лесного хозяйства им. Маматалиева района Кубодиен

Государственное учреждение лесного хозяйства района Носири Хусрав

Государственное учреждение лесного хозяйства Кулябской зоны

Государственное учреждение лесного хозяйства Фархорского района

Государственное учреждение лесного хозяйства Дангаринского района

Государственное учреждение лесного хозяйства Муминабадского района

Государственное учреждение лесного хозяйства Шурообoдского района

Государственное учреждение лесного хозяйства «Дашти Джум» Шурообoдского района

Государственное учреждение лесного хозяйства Бальджуванского района

Государственное учреждение лесного хозяйства «Сари Хосор» Бальджуванского района

Государственное учреждение лесного хозяйства района Мир Сайид Алии Хамадони

Государственное учреждение лесного хозяйства им. С.Карима Ховалингского района

Государственное учреждение лесного хозяйства Горно-Бадахшанской автономной области

Государственное учреждение лесного хозяйства Ванджского района

Государственное учреждение лесного хозяйства Нурободского района

Государственное учреждение лесного хозяйства «Ромит» города Вахдат

Государственное учреждение лесного хозяйства города Вахдат

Государственное учреждение лесного хозяйства Файзабадского района

Государственное учреждение лесного хозяйства Варзобского района

Государственное учреждение лесного хозяйства Гиссарского района

Государственное учреждение лесного хозяйства Шахринавского района

Государственное учреждение лесного хозяйства им. Л.Каримова города Рогун

Государственное учреждение лесного хозяйства Раштского района

Государственное учреждение лесного хозяйства Тавильдаринского района

Государственное учреждение лесного хозяйства Джиргитальского района

Государственное учреждение лесного хозяйства «Каратаг» города Турсунзаде

Государственное учреждение лесного хозяйства Таджикабадского района

Государственное учреждение Заказник «Бахри Норак»

Коммерческие хозяйства

Государственное унитарное предприятие питомническое хозяйство Раштского района

Государственное унитарное предприятие питомническое хозяйство города Вахдат

Государственное унитарное предприятие питомническое хозяйство Восейского района

Государственное унитарное предприятие питомническое хозяйство района Кубодиен

Государственное унитарное предприятие питомническое хозяйство Зафарабадского района